# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич дар мавзуи "«Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)»-и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09-Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ.**

Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич ба яке аз сарчашмаҳои хаттии нодири ибтидои асри XV, сафарномаи сафири испанӣ Руи Гонсалес де Клавихо – "«Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)» бахшида шудааст. Мавзуи таҳқиқотии Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич бешак мубрам буда, дар заминаи сарчашмаҳои муътамад ва таҳлили адабиёти илмии марбут ба мавзуъ таҳлил гардидааст. Рисолаи Ҷонмуродов Ш.М. ба ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, ки диссертатсия аз рӯи он пешниҳод шудааст, пурра мутобиқат менамояд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот пеш аз ҳама дар он зоҳир меёбад, ки дар таҳқиқи ин ё он марҳалаи таърихӣ, хосатан асрҳои миёна, нақши сафарномаҳо хеле муҳим аст, зеро муаллифони онҳо шоҳиди бевоситаи воқеаҳои овардаашон мебошанд.

Мубрамияти мавзуи мазкур боз дар он хулоса мешавад, ки маводи бадастомада аз рисолаи Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» ва муқоисаи онҳо бо маводи теъдоди дигаре аз сарчашмаҳои таърихии наздик ба замони таълифи он инъикоси ҳаводиси таърихии охири асри XIV ва оғози асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон ва Эронро комил намуда, ба тавзеҳи ахбори таърихии он хусусиёти сифатан нав мебахшанд.

Илова бар ин, то ба ҳол ҳеҷ асари илмии хосе дар таърихнигории Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамзабон, ки ба таҳқиқи рисолаи Клавихо

«Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» ихтисос дода шуда бошад, вуҷуд надорад.

Дуруст аст, ки доираи мавзуоти фарогирифтаи сафарномаи Клавихо "«Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)» хеле фарох аст, аммо пеш аз ҳама он барои омӯхтани таърихи халқи тоҷик ва ҳудуди таърихии сукунати тоҷикон, яъне Мовароуннаҳру Хуросон дар қарни темурӣ муҳим аст.

Диссертант аз иҷрои мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, ки аз баррасӣ ва таҳлили манбаъшиносии рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»-и Клавихо ва муайян намудани аҳамияти он дар омӯзиши таърихи Мовароуннаҳр, Эрон ва Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва оғози асри XV иборат буд, бомуваффақият баромадааст.

Навоварии бадастомадаи илмии диссертатсияи Ҷонмуродов Ш.М. дар он аст, ки дар асоси маводи рисолаи мавриди таҳқиқ ва асарҳои таърихиву илмии дигар ба зиндагиномаи Клавихо равшанӣ анохта, сохтор ва муҳтавои бобҳои ин рисола муайян карда шуданд, маводи нави зиёде ба таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва оғози асри XV иртиботдошта дарёфт гардида, дар асоси баррасиҳои татбиқӣ бо маъхазҳои боэътимоди таърихиву ҷуғрофӣ саҳеҳияти ахбори Клавихо муайян карда шуданд ва маводи нави таърихии рисолаи мавриди таҳқиқ ба гардиши илмӣ ворид шудаанд. Инчунин навоварии илмии диссертатсия боз дар он зоҳир гаштааст, ки ҳангоми таҳқиқи маҷмуии рисолаи Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» аз манобеи зиёди таърихӣ ва адабиёти илмӣ истифода бурда шудааст.

Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқоти илмии мазкур васеъ буда, диссертант аз тарҷумаҳои гуногуни осори «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403–1406» мавриди истифода қарор дода, ба ҳангоми таҳқиқи ин асар ахбори таърихӣ ва ҷуғрофиёии онро бо маводи сарчашмаҳои муътабари дигар ба мисли «Ал-масолику-

л-мамолик»-и Истахрӣ, «Муъҷаму-л-булдон»-и Ёқути Ҳамавӣ "Сафарнома"-и Ибни Баттута, «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ, «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ, «Зафарнома»-и Шарафуддини Яздӣ, «Равсату-с-сафо фи сират-ил-анбиё ва-л-мулук- ва-л-хулафо»-и Мирхонд, «Ҳабибу-с-сияр» -и Хондамир, "Бобурнома"-и Заҳируддини Бобур ва ғайра муқоиса карда, саҳеҳияти иттилооти Клавихоро муайян намудааст.

Дар таҳқиқот усулҳои диалектикӣ, таърихӣ, мантиқӣ, системавӣ, функсионалӣ, иҷтимоӣ, меъёрию мантиқии таҳлили илмӣ истифода шудаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, 2 бобу 6 зербоб, хулоса ва руйхати адабиёт ва манобеъи истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, сатҳи омӯзиш, тавсифи умумии кор (робитаи он бо барнома ва мавзуҳои илмӣ), мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмет, доираи хронологӣ, асоси назариявӣ, пойгоҳи манбавӣ, навгониҳо, муқаррарот ва аҳамияти назариявиву амалии таҳқиқот оварда шудааст.

Боби аввали диссертатсия «Сохтор ва мазмуни бобҳои рисолаи Руи Гонсалес де Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)» унвон дошта, аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал «Маълумот дар бораи муаллиф ва рисолаи ӯ «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)» доир ба зиндагиномаи Клавихо маълумот дода мешавад. Тибқи таъкиди диссертант роҷеъ ба зиндагиномаи муаллифи асар дар адабиёти мавҷуда қариб, ки маводи зарурӣ вуҷуд надоранд ва он иттилооте, ки ҳангоми таҳқиқ ба даст омаданд, аз асари ӯ «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» гирифта шудаанд. Ин асар ба забонҳои гуногун чандин маротиба ба табъ расидааст, ки ин аз аҳамият ва нодир будани маълумоти ин муаллиф шаҳодат медиҳад.

Диссертант зербоби дуюмро, ки «Сохтор ва тавсифи мазмуни бобҳои «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)» номгузорӣ шудааст, тибқи мазмуни он шартан ба 15 боб ҷудо карда, мазмуни мухтасари ҳар бобро шарҳ додааст.

Диссертант аз баррасии мазмуни бобҳои асар ба чунин хулоса омадааст, ки Клавихо аз дидан намудани шаҳру мавзеъҳои аҳолинишин бештар ба ҷойҳои таърихиву ҷолиби диққат ва канданиҳои фоиданоки онҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда, дар баъзе мавридҳо доир ба ин ё он воқеаҳо ақидаи худро иброз менамояд.

Диссертант дар зербоби сеюми боби аввал дар бораи шаҳрҳои Мовароуннаҳр ва Хуросон, ки Клавихо ҳангоми сафар аз он ҷойҳо дидан намуда буд, маълумоти ҷолиб меорад. Муаллиф бештар ба мавқеи ҷойгиршавии шаҳрҳо, ёдгориҳои таърихӣ, вазъи кишоварзӣ, канданиҳои фоиданок, касбу ҳунар, тарзи зиндагии мардуми ин ё он шаҳр ва амсоли он таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Ӯ маводи асари Клавихоро бо маъхазҳои дигар муқоиса карда, дурустӣ ё ғайривоқеӣ будани онҳоро муайяни намудааст.

Боби дуюми рисола «Бозтоби баъзе ҳаводиси таърихии Хуросону Мовароуннаҳри нимаи дуюми асри XIV – ибтидои асри XV дар «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»-и Руи Гонсалес де Клавихо» номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал, ки «Ахбори шарҳиҳолӣ роҷеъ ба Темур ва баъзе аз намояндагони хонаводаи ӯ дар рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)» унвонгузорӣ шудааст, доир ба воруди де Клавихо ба шаҳри Кеш, ҷамъоварии маълумоти де Клавихо оид ба шарҳи ҳоли Темур, оид ба падари Темур ва ҳамсарону фарзандони ӯ, айёми ҷавонии Темур ва раванди ба қудрати сиёсӣ соҳиб гаштани Тумур маълумот дода шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки ахбори шарҳиҳолие, ки Клавихо дар бораи Темур, занони ӯ

ва баъзе аз намояндагони хонадонаш медиҳад, бисёр арзишманданд. Дар сарчашмаҳои таърихие, мисли «Рӯзномаи ғазавоти Ҳиндустон»-и Ғиёсуддини Алӣ, «Зафарнома»-и Шомӣ, «Зафарнома»-и Яздӣ ва «Матлаъу–с-саъдайн»-и Абдураззоқи Самарқандӣ, ки ҳамзамони Темур ва намояндагони ҳукуматгари хонадони ӯ мебошанд, дар бораи айёми ҷавонии Темур то ба сари қудрат расидани ӯ дар соли 1370 усулан ҳеҷ маълумоти мушаххасе вуҷуд надорад. Танҳо мо аз навиштаҳои Клавихо ва Ибни Арабшоҳ ахбори ҷолибе ба даст меоварем, ки ин камбудро дар шарҳи ҳоли Темур аз миён мебардорад.

Диссертант дар зербоби дуюми боби дуюм «Муқарраротни маросими пазироии сафирон ва базморой дар дарбори Темур бино ба ахбори «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)» бештар ба маълумоти Клавихо такя намуда, онҳоро тавзеҳ медиҳад ва маросими базмороиҳои Темурро, ки дар дигар сарчашмаҳои ин давр низ ба андозаи каму беш баён шудаанд, бо ахбори Клавихо қиёс мекунад. Диссертант таъкид менамояд, ки ахбори дар бораи пазироии ҳайати испанӣ дар қаламрави давлати Темур дар тӯли сафараш ва дар Самарқанд дар дарбори ӯ баённамудаи Клавихо хеле муҳим буда, суроғи аксари он матолибро дар дигар сарчашмаҳои таърихии ин давр пайдо намекунем. Клавихо, ки рисолати ҷиддии сафорат дошт, бинобар ин ҳодисаҳои ба чашм дида ва дар онҳо ҳузур пайдокардаашро чи тавре ки буданд, тасвир кардааст

Дар зербоби сеюми боби дувум «Муносиботи Темур бо ду рақиби сиёсиаш – Тухтамишхон ва Йилдирим Боязид тибқи ахбори Клавихо» перомуни зиддияти Темур бо ду рақиби сиёсии хеш Туқтамишхон ва султони усмонӣ Боязид баррасӣ шудааст.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки Тухтамишхон ягона хонест, ки аз Темур намеҳаросид ва доим бо ӯ дар ҷидол буд. Тухтамишхон ба назари таҳқиру ҳақорат ба Темур менигарист ва ӯро ҳеҷ сазовори ҳукумат намедонист.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст карда шуда, хулосаҳои асосӣ ва пешниҳоди муаллиф бахри дар оянда таҳқиқ намудани масъалаи мазкур оварда шудаанд.

Дар маҷмуъ, дар рафти навишти диссертатсия муаллиф пас аз омӯзиши маъхазҳо, адабиёти илмии соҳавӣ, гузаронидани таҳлилу муқоиса ва мушоҳида вазифаи дар наздаш гузошташударо ба пурраги иҷро кардааст. Мавзуи мазкур то ҳанӯз ба сифати диссертатсия баррасӣ нагардидааст, бинобар ин интихоби он дуруст ва актуалӣ мебошад.

Дар рафти баррасӣ, таҳлил ва муҳокимаронӣ муайян гардид, ки сохтор ва мазмуни асосии диссертатсияи Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, комилан ҷавобгӯи он мебошад.

Автореферат мазмуни фишурдаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд. Диссертант як монография ва ёздаҳ мақолаҳои илмӣ нашр намудааст, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаву натиҷаҳои таҳқиқро метавон ба ҳангоми навиштани таърихи асрҳои миёнаи халқи тоҷик, ба хусус охири асри XIV ва оғози асри XV истифода кард. Инчунин хулосаҳо ва натиҷаҳои диссертатсия барои таҳияи курсҳои махсус дар факултетҳои илмҳои инсонӣ ва иҷтимоии донишкадаву донишгоҳҳои Тоҷикистон муфид мебошанд.

Дар рисолаи Ҷонмуродов Ш.М. баробари муваффақиятҳо баъзе норасоиҳои зерин ба назар мерасанд:

1. Дар қисмати “дараҷаи омӯзиши мавзуъ” асарҳои муҳаққиқони узбек ва бархе аз таълифоти донишмандони эронӣ оид ба масъалаи мавзуи мавриди таҳқиқ аз назар берун мондаанд.

2. Беҳтар мебуд, ки зербобҳои аввал ва дувумро якҷо карда, он «Зиндагиномаи Руи Гонсалес де Клавихо” номгузорӣ мешуд.
3. Дар баъзе ҳолатҳо ахбори Руи Гонсалес де Клавихо бо маълумоти маъхазҳои дигар мавриди муқоиса қарор нагирифтааст.
4. Дар рисола баъзе нуқсҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

Норасоиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, мазмуни диссертатсияро халалдор намесозанд. Таҳқиқоти Ҷонмуродов Ш.М. ба дараҷаи баланди илмӣ навишта шуда, ба талаботи пешбининамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Ҷонмуродов Ш.М. таҳқиқоти пурра анҷомёфта ба шумор рафта, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09- Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ, доктори
илмҳои таърих, профессори
кафедраи таърихи халқи тоҷики
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Расулиён Қаҳҳор

Нишонӣ:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел: (+992)938666463

Имзои пррофессор Қ. Расулиён-ро
тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ ... ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН * TAJIK NATIONAL UNIVERSITY * УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

10 ноябри соли 2022